МАБЛАҒГУЗОР - ИТТИҲОДИ АВРУПО

Terre des hommes
Helping children worldwide.

# БАҚАЙДГИРИИ АҚДИ НИКОҲ



юнисеф

барои ҳар як кӯдак

## Рӯйхати ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии ва бекор кардани ақди никоҳ кадоманд?

## ҶАВОБ:

**Моддаи 35, Боби 4- Бақайдгирии Давлатии Ақди Никоҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Бақайдгирии Давлатии Асноди Ҳолати Шаҳрвандӣ:**

**а) Бақайдгирии ақди никоҳ**

Шахсони никоҳшаванда ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аризаи хаттии муштарак пешниҳод менамоянд. Дар аризаи онҳо бояд розигии тарафҳоро барои бастани ақди никоҳ ва инчунин мавҷуд набудани монеаҳои ақди никоҳ, ки моддаи 14 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, қайд шуда бошад. Дар аризаи муштараки онҳо инчунин бояд маълумоти зерин нишон дода шаванд:

- ном, номи падар, насаб, сана ва ҷойи таваллуд, синну сол, шаҳрвандӣ, миллат, ҷойи истиқомати ҳар кадоме аз шахсони никоҳшаванда;
- насабе, ки никоҳшавандагон барои худ интихоб намудаанд;
- оид ба ҳуҷҷатҳое, ки шахсияти никоҳ шавандагонро тасдиқ менамоянд;
- никоҳшавандагон дар аризаи муштарак оид ба бастани ақди никоҳ имзо мегузоранд ва санаи тартиб додани онро қайд менамоянд.

**Дар баробари аризаи муштарак дар бораи бастани ақди никоҳ ҳуҷҷатҳои зерин низ пешниҳод карда мешаванд:**

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти никоҳшавандагон;
- ҳуҷҷати тасдиққунандаи бекор шудани ақди никоҳи аввала, агар шахс (шахсон) пеш аз ин дар ақди никоҳи дигар бошанд;
- ҳуҷҷати тасдиққунандаи муоинаи тиббии ҳатмии шахсони никоҳшаванда (ҚҲТ аз 15.03.2016 с., №1291);
- нусхаи шаҳодатномаи вафот, агар зан ё шавҳар фавтида бошанд;
- ҳалномаи суд дар хусуси розигӣ додан барои бастани ақди никоҳ, дар сурате ки агар никоҳшавандагон ноболиғ буда, ба синни никоҳӣ тибқи қисми 2 моддаи 13 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нарасида бошанд;
- агар яке аз тарафҳои никоҳшаванда шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд бошад, бояд ҳатман ҳуҷҷати тасдиққунандаи истиқомат дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати на камтар аз як соли охир ва аҳдномаи никоҳи басташуда пешниҳод карда шавад. (ҚҲТ аз 25.03.11с., №711; (ҚҲТ аз 18.07.17 с., №1451);
- агар яке аз никоҳшавандагон имконияти ҳозир шуданро ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ барои додани аризаи муштарак, ки дар қисми 1-и моддаи 35 (Ариза дар бораи ақди никоҳ, Боби 4 Бақайдгирии давлатии ақди никоҳ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Бақайдгирии Давлатии Асноди Ҳолати Шаҳрвандӣ) ҳамин модда

пешбинӣ шудааст, надошта бошад, изҳори иродаи шахсони никоҳшаванда метавонад дар асоси аризаҳои алоҳидаи пешниҳоднамудаашон ба расмият дароварда шавад. Имзои шахси ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ҳозирнашуда бояд дар идораи нотариалии давлатӣ тасдиқ карда шавад.

**б) Асосҳои бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ инҳоянд**

- аризаи муштараки ҳамсарон дар бораи бекор кардани ақди никоҳ, ки фарзандони умумии ноболиғ надоранд;
- ариза дар бораи бекор кардани ақди никоҳ, ки аз ҷониби яке аз ҳамсарон дода шудааст ва ҳалномаи ба қувваи қонунӣ даромадаи суд нисбат ба ҳамсари дигар, агар ӯ аз ҷониби суд бедарак ғайбзада ё ғайри қобили амал эътироф шуда бошад ё барои содир намудани ҷиноят ба мӯҳлати зиёда аз се сол маҳкум шуда бошад;
- ҳуҷҷати шаклаш муқарраршуда оид ба вафоти яке аз ҳамсарон ва ё ҳалномаи ба қувваи қонунӣ даромадаи суд оид ба фавтида эълон намудани яке аз ҳамсарон;
- ҳалномаи суд дар бораи бекор кардани ақди никоҳ, ки ба қувваи қонунӣ даромадааст.

**Ҳуҷҷатҳои зарурӣ оид ба бекор кардани ақди никоҳ:**

- Ариза;
- Шиносномаҳои милии зану шавҳар;
- Шаҳодатномаи ақди никоҳ;
- Иқтибос аз ҳалномаи суд;
- Расиди пардохди боҷи давлатӣ хизматрасонии иловагии музднок ва бланк.

## Синни никохи чанд аст?

## ҶАВОБ:

**Моддаи 13-и КОДЕКСИ ОИЛАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН оид ба Синни никоҳӣ:**

- Синни никоҳӣ аз ҳаждаҳсолагӣ муқаррар карда мешавад. (ҚҶТ 21.07.2010 №613);
- Дар ҳолатҳои истисноӣ суд ҳуқуқ дорад дар асоси хоҳиши шахсони никоҳшаванда синни никоҳии дар ҳамин модда барои марду зан муқарраршударо ба мӯҳлати на бештар аз як сол кам кунад. (ҚҶТ 25.03.2011 №710);
- Ариза тибқи тартиби пешбурди алоҳида, дар суди маҳалли истиқомати шахсе, ки синнаш кам карда мешавад, баррасӣ мегардад;
- Ҳуқуқи оид ба ҳамин масъала муроҷиат намудан ба суд аз синни ҳабдаҳсолагӣ фаро мерасад. (ҚҶТ 21.07.2010 №613).



юнисеф

барои ҳар як кӯдак

Нашрияи мазкур бо маблағгузорӣ ва кӯмаки техникии Иттиҳоди Аврупо ва Хазинаи Кӯдаки Созмони Милали Муттаҳид чоп гардидааст.

Иттиҳоди Аврупо барои мазмуни маводи чопшуда масулият надорад.